Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 31 саҳ.).**

Ташаккул ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсурҳои ҷудонашавандаи низоми идораи давлатӣ ба раванди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ алоқаи зич дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақомоти идораи давлатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва рушди минбаъдаи он дар кишвар заминаи ҳуқуқӣ гузошта, ба пайдоиш ва рушду такмили он дар кишвар шароити ҳуқуқиро муҳайё намуд. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҳаллӣ шакли навро соҳиб гашта, ба саҳифаи нави фаъолияти худ оғоз намуд. Дар заминаи ислоҳоти конститутсионии роҳандозигашта ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тағйиротҳо ворид карда шуд, ки барои такмили ташкил ва фаъолияти ин зинаи мақомоти идораи давлатӣ равона шудааст. Ислоҳоти мазкур Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории кишвар, бахусус Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати”-ро фаро гирифт, ки

барои такмили асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил ва танзими ҳуқуқиро талаб намуда, ба таври матлуб ташкил ва таъмин намудани идораи давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, хизматрасониҳои давлатӣ дар ин сатҳи воҳидҳои марзиву маъмурӣ, ба таври лозима қонеъ гардонидани талабот ва эҳтиёҷоти аҳолии воҳидҳои марзиву маъмурӣ, яъне вилоят, шаҳр ва ноҳия чун яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи идораи давлатӣ баҳо дода шуда, бешубҳа ба фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия рабт дода мешавад.Ҷомеа ва давлат ба ташкил ва фаъолияти натиҷабахш ва самараноки мақомоту идораҳои давлатӣ манфиатдор мебошанд, ки бо такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти талаботи замон ва аҳолӣ ба даст оварда мешавад. Хусусан, масъалаҳо вобаста ба вазъи ҳуқуқии ҳомилони мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, субектони идораи маҳал, ҷанбаҳои тамос ва ҳамкории онҳо, доираи салоҳияти онҳо, вазъи ҳуқуқии сохторҳои маҳаллӣ ва аз байн бурдани духӯрагӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа метавонад мусоидат намуда бошад.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар рушди маҳал нақши ҳалкунанда дошта, сатҳ ва сифату самаранокии фаъолияти он ба сатҳ ва сифати идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Самарабахшии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар раванди ташкили иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати идораи давлатӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Фаъолияти амалӣ зимни ҳуқуқтатбиқсозӣ, ба тариқи матлуб ташкил намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар маҳал, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва ба тариқи зарурӣ қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ бевосита ба фаъолияти мақомоти мазкур алоқамандӣ дорад. Зеро, ки давлат ва ҷамъият ба фаъолияти самаранок ва натиҷабахшии мақомоту давлатӣ манфиатдор мебошанд, ки маҳз таҳким ва такмили заминаи ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоварад.

Дар робита бо ин, дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии кишвар як қатор масъалаҳо мавҷуд мебошанд, ки таҳқиқ ва омӯзишро дар самти ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия талаб намуда, таҳқиқи он аҳаммиятнок мебошанд. Аз ҷумла, масъалаҳо оид ба вазъи ҳуқуқии унсурҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, масъалаҳо оид ба шакли ташкилӣ-хуқуқии мақомоти мазкур, ваъзи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ва иҷрокунандаи раис, масъалаҳо оид ба ҳамкорӣ дар сатҳи маҳал, аз ҷумлаи ҳамкории мақомоти намояндагӣ бо мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, санадҳои ҳуқукии субектони идораи маҳал, ки таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиши онҳо муҳим, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад.

Бинобар ин, ба таҳқиқи диссертатсионӣ интихоб намудани мавзуи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия аз тарафи диссертант Раззоқзода Тамкин Мурод саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад, зеро мавзуи мазкур то имрӯз ба таври алоҳида аз тарафи мутахассисони дохили кишвар ва хориҷи он ба таҳқиқи илмӣ фаро гирифта нашудааст ва дар ин замина таҳқиқи он аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалиро касб хоҳад намуд.

Аз натиҷаи таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот бо риояи мантиқи илмӣ пай дар пай таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои мавҷударо фаро гирифта, натиҷаҳои мукаммал ва босамари таҳқиқотро ифода менамояд.

Аз фишурдаи қисматҳои асосии автореферат бармеояд, ки муаллиф Раззоқзода Тамкин Мурод ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Дар таҳқиқот дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ, аз ҷумла, ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ, мафҳуми идораи давлатӣ, идораи давлатии маҳаллӣ,

мафҳуми мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, моҳияти санадҳои ҳуқуқии сатҳи маҳал, марҳилаҳои асосҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди мақомоти мазкур, таснифот, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ҳамзамон ба ҷанбаҳои амалии мавзуи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, масоил оид ба доираи ваколатҳои раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ, ваколатҳои истисноӣ, ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории идораи маҳал диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст. Посух ба масъалаҳои баҳсноки амалиро дар нуқтаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳод гардида ва тавсияҳои дигари амалӣ, ки дар автореферат мавҷуд мебошад, мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба назар мерасад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нуқтаҳои илмии олимони соҳа, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷа, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омода гардидааст. Дар баробари ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо диссертант ҳал намуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил гаштааст. Вале, ба ин нигоҳ накарда, дар баробари муваффақиятҳо ба назари мо баъзе масъалаҳое низ мавҷуданд, ки нисбат ба онҳо диққат додан зарур аст. Аз ҷумла:

Дар нуқтаи дувоздаҳуми амалии ба ҳимоя пешниҳодгардида, диссертант муайян намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – зинаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мустаҳкам карда шавад. Дар натиҷа пешниҳод намудааст, ки барои ифодаи он истилоҳи «Садорат» қобили қабул буда, барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ номи «Садр» (Сардор) мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

Оиди ба шакли ташкилии мазкур фаро гирифтани мақомоти дигари идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал маълумот дода нашудааст. Оё ба ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дигар мақомоти давлатии дар сатҳи маҳал фаъолияткунандаро низ фаро гирифта мешаванд ё не?

Нуқтаи назари мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, танҳо хусусияти назариявӣ дошта, барои нисбатан комил гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, бо назардошти мазмуни нуқтаҳои назариявӣ ва муҳиммияти нуқтаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда нисбат ба автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод баҳои мусбӣ додан мумкин аст. Баҳои мусбӣ ба автореферати диссертатсия ҳамзамон бо он асоснок мегардад, ки диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод аввалин таҳқиқоти илмии алоҳида ва мукаммал вобаста ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро аз худ инъикос намуда, дар он паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоёни ҷонибдорист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва аз ҷониби диссертант мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуқтаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримов Ҳ.М.

Имзои Ҳ.М. Каримовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14 Телефон: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01 E-mail: tgfeu@ tgfeu.tj

«7» 05 2024 с.